**Нусха аз протоколи № 1**
**чаласаи навбатии Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

25 сентябри соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 31 нафар
Иштирок надоштанд: 4 нафар

**Рӯзномаи чаласа:**

3. Дар бораи интихоб ва тасдиқи ҳайати нави аъзои Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ

**Раис:** Бо мақсади коркард ва таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ, омода намудани мутахассисони чавобгуй ба талаботи бозори меҳнат ва шунидани фикру ақидаи корфармоён ба ҳайси аъзои Шурои олимон ворид намудани ҳайати зеринро зарур мешуморем: Идизода Файзалӣ Фузайлшоҳ – Раиси Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумҳурии Точикистон, Ашуриён Музаффар Қурбонмуҳаммад – Вазири адлияи Чумҳурии Точикистон, Абдуллозода Зебуниссо Файзулло – Раиси Суди олии иқтисодии Чумҳурии Точикистон, Абдуллозода Аҳтам Рустам - Сардори Хадамоти ичрои назди Ҳукумати Чумҳурии Точикистон, Саидзода Изатулло Ҳабибулло – Директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти Чумҳурии Точикистон.

**Раис:** Марҳамат аъзои Шурои олимон фикру андешаҳои худро оид ба ин масъала баён намоед.

Маҳмудов И.Т. Пешниҳоди Шумо муҳтарам раис саривақтӣ ва қобили датсгирӣ мебошад. Факултети ҳуқуқшиносӣ аз замони таъсис то кунун аз бонуфузтарин марказҳои омода намудани мутахассисони илму амалияи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун маркази асосии омода кардани кадрҳои лаёқатманди ҳуқуқшинос дар самти таъмини мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти ҳуқуқии корхонаву муассиса ва ташкилотҳо, бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва қарзӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва институтҳои чомеаи шаҳрвандӣ бо кадрҳои арзанда саҳми назаррас дорад. Дар ҳоли ҳозир талабот дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ ва рақобатпазири бозори меҳнат, дорои донишҳои баланди назариявӣ, малакаи касбӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва дар руҳияи ғояҳои адолат, накукорӣ, ростӣ тарбияёфта беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, аз аъзои Шурои олимон даъват баамал меорам, ки пешниҳоди мазкурро дастгирӣ намоянд.

Аъзои Шӯрои олимон профессорон Ғаюрзода Ш.К., Азиззода У.А., Назаров А.Қ. ва дотсентон Қодиров Н.А., Шарифзода Ф.Ф. баромад карда, қайд намуданд, ки пешниҳоди мазкур дастгирӣ карда шавад.

**Раис:** Вобаста ба фикру андешаҳои баёнгардида пешниҳоди мазкур ба овоз монда мешавад. Дар ин хусус Шурои олимони факултет,

**Қарор кард:**

1. Ба аъзогии Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ Идизода Файзалӣ Фузайлшоҳ – Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ашуриён Музаффар Қурбонмуҳаммад – Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдуллозода Зебуниссо Файзулло – Раиси Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдуллозода Аҳтам Рустам - Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саидзода Изатулло Ҳабибулло – Директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шаванд.
2. Аз котиби Шурои олимон хоҳиш карда мешавад, ки вобаста ба зарурат шахсони зикргардидаро ба Шурои олимон даъват намояд.

**Раиси Шурои олимон,**
**д.и.ҳ., профессор** **Мирзозода П.З.**

**Котиби Шурои олимон,**
**н.и.ҳ., дотсент** **Қурбонов Қ.Б.**